«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
Ибодуллозода А.И. ____________
«_29_» _августи_ 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи "Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи "Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ" ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мутобиқат менамояд.

Дар замони муосир дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи феъл бо таваҷҷуҳ ба таърихи он ва муқоисаи он бо афъоли дигар забонҳо дар ҳар шакл ва сатҳу сифат яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Зеро дар забони тоҷикӣ ва бисёре аз забонҳои дигар бештари бори маъноии афкор ва орои мо бар дӯши феълҳои забон мебошад. Аз ин ҷиҳат, дар заминаи шинохти феъл мақому манзалат ва манзараи забон дар муҳити амалкарди он, бавижа, дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ муайян ва муқаррар карда мешавад, ки ин амал ба боландагиву мондагории забон низ мусоидат хоҳад кард. Дар заминаи тавлиди дигаргунӣ дар сохтори забонҳо феъл ва категорияҳои он ба таҳаввулоти муайяни миқдорӣ ва сифатӣ дучор шудаанд. Аз ҷумла, замони гузаштаи феъл дар даврони қадими инкишофи забони тоҷикӣ ва яғнобии имрӯза тавассути аугмент сохта мешуд. Минбаъд дар давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ (ба истиснои забони бархе катибаҳо) он идома наёфта, баръакс, дар забони яғнобӣ ин падида давом кард. Агарчи феъл, бахусус, замони гузаштаи феъл дар бисёре аз забонҳои маъруфи ҳиндуаврупоӣ таҳқиқ шуда бошад

ҳам, дар мисоли гурӯҳи забонҳои эронии ин оилаи забонӣ, бавижа, забони тоҷикӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар забонҳои ҳамгурӯҳи худ, ки камнуфузанду бо тоҷикӣ паҳлуи ҳам амал мекунанд, ниёз ба таҳқиқи ҷиддӣ доранд. Аз ин нуқтаи назар, шинохти феъли забони тоҷикӣ дар иртибот бо дигар забонҳои камнуфуз ва дар ҳоли инзиво, дар мисоли яғнобӣ, ки мутаассир аз тоҷикӣ низ мебошад, яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар замони муосир бо суръат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ва мутассирии забонӣ аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки аз диди улуми ҷомеашиносӣ, бавижа, забоншиносӣ ниёз ба таҳқиқ доранд. Баррасӣ ва пажуҳиши гурӯҳе аз луғот ва хусусиёти онҳо на танҳо барои шиносондани забон ва ҳифзи вожаю истилоҳот, балки барои намоёндани ҳамбастагиву қаробати гении забонҳои хеш ва мондагории забони тоҷикӣ ва ҳамчунин, забони муқоисашаванда иқдоми саривақтӣ арзишманд дар ҷодаи илм ва амалкард мебошад.

Дар диссертатсияи мавриди тақриз роҷеъ ба нақши аугмент ҳамчун воситаи замонсоз дар забонҳои хеши ҳиндуаврупоӣ, мисли юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит, ведоӣ, порсии қадим, авастоӣ, хоразмӣ, суғдӣ низ мухтасаран маълумот дода, ҷойгоҳи асоси замони гузашта, қисматҳои ифодавии замони гузаштаи феъл дар забони тоҷикӣ дар алоқамандӣ бо забони яғнобӣ ба таври синхронӣ ва диахронӣ нишон дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқ баръало намоён аст. Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатсия, мубрамияти интихоб ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он дар илми забоншиносӣ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф мавқеи

илмии ӯро нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ инъикос намудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводи фаровон аз матнҳои қадим ва муосири забонҳои тоҷикиву яғнобӣ, шиносоӣ бо осори таҳқиқии муҳаққиқони соҳа, ҳамзамон, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маърузаҳо зоҳир мегардад. ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони гузаштаву муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқшуда зоҳир мегардад. Муҳаққиқ дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳлилу таҷзия, муқоиса, шарҳу тафсир, омориву мушоҳидавӣ ва синхронию диахронӣ истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссертатсияи Самадов Рамазонӣ бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои сохтор ва мафҳуми вожаҳои решагӣ ва морфемаҳои ёвари ба он ҳамроҳшаванда ба риштаи таҳлил кашида шуда, мақсади ниҳоӣ ба даст омадааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи мавриди назар мувофиқи талаботи корҳои илмӣ дар доираи феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб (19 фасл), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, номгӯйи таълифоти муаллиф мураттаб гардидааст. Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик сайри таърихии аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба таври густарда таҳқиқ карда шуда, даврони фаъол/ғайрифаъол будани он дар бунёди замони гузаштаи феъл ошкор карда шуда, вижагиҳои корбурдии он дар се давраи инкишофи забонҳои эронӣ амсоли форсии бостон, авестоӣ, суғдӣ, хоразмӣ, толишӣ, яғнобӣ муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳамчунин, бори аввал роҳҳои ташаккули шаклҳои замони гузаштаи феъл

дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ муқоиса гардида, тафовут ва монандии онҳо нишон дода шудааст ва дар тули таърихи дурударози инкишофи ин забонҳо сабаби аз ин унсури грамматикӣ маҳрум шудани яке аз забонҳои мавриди муқоиса (тоҷикӣ) ва дар дигаре (яғнобӣ) пойдор мондани он ошкор карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур метавонад дар оянда барои ошкор шудани гиреҳи муаммоҳои ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои ҳиндуаврупоӣ, бахусус, тоҷикиву яғнобӣ, мусоидат намуда, дар мисоли корбурди аугмент тағйироти ҷиддии сифатии рӯйдодаро дар сохтори забони модар (эронӣ) ошкор намояд. Маводи диссертатсия баҳри такомул ёфтани тасаввуроти аҳли пажуҳиш дар мавриди таҳаввули шаклҳои замонии феъл мусоидат кунад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои онро метавон дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, чун муқаддимаи филологияи эронӣ, таърихи забони тоҷикӣ, грамматикаи таърихӣ ва муқоисавии забонҳои эронӣ истифода намуд. Бахшҳои алоҳиддаи диссертатсия дар таълими фанҳои интихобӣ барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифи рисолаҳои магистриву докторӣ (PhD) ва маводи таълимӣ-методӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Аз номгӯйи мақолаҳои соҳиби диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ (6 мақолаи тақризшаванда ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи таърихи забон дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конфронсҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (ҳар боб дори фасл ва зерфаслҳо мебошад), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии диссертатсия, феҳристи адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазиваҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки **«Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл»** фарогири ду фаслу ёздаҳ зерфасл буда, дар он пайдоиш ва ташаккули аугмент дар забонҳои ғайриэронии таърихан хеш: юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит, ведой, мавқеи корбурди он дар ташаккузи замони гузаштаи феъли забонҳои порсии қадим ва авестой, таҳаввулоти замони гузаштаи феъл дар забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ (порсии миёна) ва мавқеи аугмент дар забонҳои миёнаи шарқӣ-эронӣ (суғдӣ ва хоразмӣ) баррасӣ гардидааст.

Дар фасли аввал «Истифодаи аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупой» ҳамчун гузаштаи муштараки забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои муҳимми ин хонаводаи забонӣ, аз қабили юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит, ведой, таҳлилу баррасӣ шуда, дар фасли баъдӣ нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои эронӣ бо овардани мисолҳо ва нишон додани ваҷҳаи муштарак доштани он дар ташаккули забонҳои эронӣ мисли порсии бостон, авастой, суғдӣ, хоразмӣ ва амсоли он тавсиф ва баррасӣ карда шудааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ»** ном дошта фарогири ду фаслу шаш зерфасл мебошад. Дар боби мазкур масоили корбурди аугмент дар забонҳои толишӣ ва яғнобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, он чун яке аз омилҳое, ки таваҷҷуҳро ба вижагиҳои куҳани забонҳои нави эронӣ

меафзояд, нишон дода шудааст. Дар забонҳои нави эронӣ баробари пойдор мондани дастаи зиёди пешвандҳои давраи миёна, инчунин, унсури замонсози бостоние чун аугмент низ пойбарҷо мондааст. Чунончи, дар давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ аугмент дар низоми феъли забонҳои толишӣ ва яғнобӣ возеҳан ба назар мерасад.

Боби севум «**Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ**» унвон дода шуда, дорои ҳафт фасл мебошад. Дар ин боб ҳолати кунунии шаклҳои сода, ҳикоягӣ, дур, дури давомдор, нақлӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ ва ҳикоягии замони гузаштаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ мавриди муқоиса қарор дода шудаанд. Дар забоншиносии эронӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва дар айни замон камомӯхташуда грамматикаи муқоисавӣ ва муқоисавӣ-таърихии забонҳои эронӣ ба шумор меравад. Таҳқиқи қиёсии забони тоҷикӣ бо забонҳои ғайриэронӣ монанди русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ӯзбекӣ, чинӣ ва ғ. то кунун дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар ин замина як даста осори илмӣ низ интишор гардидааст. Аммо таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсии забони тоҷикӣ бо забонҳои эронӣ, ба хусус, забонҳои давраи нав, ки ба чашм мерасад. Доир ба масъалаи таҳқиқи муқоисавии забонҳои нави эронии дар ҳудуди Тоҷикистон мустаъмал асару мақолаҳои илмӣ кам нашр гардидаанд, ҳол он ки таҳқиқи муқоисавии онҳо имкон фароҳам меорад, ки баъзе мушкилоти луғавиву дастурӣ ҳалли худро ёфта, барои таълифи осори ба муқоисаи забонҳо ихтисосдошта мусоидат намояд. Маълум аст, ки забони яғнобӣ дар ҳудуди Тоҷикистон паҳн шудааст ва бо забони тоҷикӣ аз лиҳози қонуниятҳои дохилӣ ва берунӣ наздикии зиёд дорад. Сабаби чунин наздикиҳоро метавон ба омилҳои зерин рабт дод:

1) ҳар дуи забон аз як забон-асос, яъне умумиэронӣ сарчашма гирифтаанд; 2) забони яғнобӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ёфта таъсири мутақобилаи он ба забони тоҷикӣ дар натиҷаи ҳамзистӣ ба вуҷуд омадааст; 3) муҳоҷирати яғнобиён ба минтақаҳои гуногуни кишвар,

бахусус, водии Ҳисор ва муҳоҷирати иҷбории соли 1970-ум ба ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд сурат гирифта боиси он гардид, ки таъсири забони давлатӣ–тоҷикӣ ба забони яғнобӣ зиёд гардад; 4) яғнобизабонон забони тоҷикиро хуб медонанд ва бо ин забон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ савод ҳосил мекунанд. Дар чунин раванд ҳатман забони давлатӣ ба забонҳои дигари минтақа таъсири амиқ мегузорад. Ин таъсиррасонӣ дар бахшҳои мухталифи забони яғнобӣ мушоҳида мешавад.

Бо назардошти ҳамин нукот аст, ки академик М.Н. Боголюбов ба нуктаи мазкур ишора намуда таъкид кардааст, ки «саҳми луғати маҳаллӣ дар лексикаи забони яғнобӣ камтар аз нисфро ташкил медиҳад. Қисми боқимондаи луғати забони яғнобӣ аз забони тоҷикӣ гирифта шуда, мутаносибан калимаҳои русӣ ва ӯзбекӣ низ мавҷуданд. Шумораи зиёди вожаҳои аслии яғнобӣ (суғдӣ) дар феъл ҳифз шуда, дар баробари ин бештари сифатҳо низ калимаҳои аслии забон ба ҳисоб мераванд» Дар низоми сарфии забони яғнобӣ аз гузаштаи дур то имрӯз якчанд тағйироти назаррас ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми ба таври муқоисавӣ омӯхтани онҳо бо забони тоҷикӣ имкон аст, ки бархе аз масъалаҳо равшан гардад. Яке аз масъалаҳои баҳснок ва мураккаби забоншиносии эронӣ баррасии феъл мебошад, ки дар ҳиссаҳои нутқи забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ дорои категорияҳои бештари грамматикӣ мебошад.

Хулосаи диссертатсия дар 15 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Ҷанбаи бандҳои хулоса мушаххас ва равшану возеҳ ифода ёфта, яке дигареро пурра менамояд, ки ин аз огаҳии назариявию илмии соҳиби диссертатсия дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар охири диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 5 банд оварда шуда, ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи бахши таърихи забони тоҷикӣ ва илми забоншиносии тоҷикро метавонад боз ҳам такмил ёбад.

Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву адабӣ, мақолаву васоити таълимӣ, бавижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи пажуҳиш оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад.

Аён гардид, ки истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назарии мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳияи рисолаҳои таҳқиқотии замони муосир ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки аз назари илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баланди забониро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври равшан ошкор шуд, ки муаллифи он аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи басо муҳим ба таври қонеъкунанда баромадааст. Тарзи гузориши масъала ва таҳлилу баррасиҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хоссатан, шинохти таърихӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи “Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ”-ро метавон яке аз пажуҳишҳои муҳим ва тоза дар бахши таҳқиқи таърихи забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки сода, корбурди маводи фаровони матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ рӯйи кор омадааст.

Хулоса, дар диссертатсияи Самадов Рамазонӣ дастовардҳои илмӣ назаррас буда, таърихи забон аз ҷиҳатҳои мухталиф баррасӣ карда шудааст. Мундариҷаи рисолаи мазкур аз нигоҳи банду баст мувофиқи матлаб тарроҳӣ гардида, бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯ мувофиқат мекунанд ва дар таҳияи он таносуб низ риоя гардидааст.

Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо, ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудиҳо ба чашм хӯрданд, ки ба назари мо,ислоҳи онҳо ҳангоми чун монография ба чоп ҳозир кардани кор, боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад шуд:

1. Дар бисёре аз ҳолатҳо пас аз воҳидҳои туфайлӣ: бавижа, дар ин хусус, махсусан, хусусан, аз ҷумла, ҳамчунон (саҳ. 6, 8, 82, 87, 113...) аломати вергул гузошта нашудааст, ки аломати вергул дар ин сурат аҳаммияти синтаксисӣ-маъноӣ дорад.

2. Дар диссертатсия риоя нагардидани имлои калимаҳои мушаддад, аз қабили аҳамият (аҳаммият), хоси (хосси) (ҳангоми дар охирашон илова шудани садонок), хоса (хосса), хосатан (хоссатан) ва ғ., (дар саҳифаҳои 6, 7, 27, 45, 77...) ба назар мерасанд. Инчунин, дар рисола баъзан вожаҳои иқтибосӣ бо "ӯ" оварда шудаанд, мисли: ӯзбекӣ, ғӯза (саҳ. 50, 52, 67...) ва ғ. бо "ӯ" навишта шудааст (ва ин қоида дар калимасозӣ низ бояд риоя шавад), ки мувофиқи имлои амалкунанда ғалат ҳастанд.

3. Адабиёти форсӣ ё арабиро, ки бо хатти кириллӣ ба нашр нарасидааст, ба хатти кириллӣ додан нодуруст аст. Ҳар китобе, ки ба забон ё хатти дигар нашр шудаасту ба хат ва ё забони мавриди истифода баргардон ва нашр нашудааст, он бояд дар шакли асл нигоҳ дошта шавад. Бавижа, агар ин талабот нисбат ба адабиёти арабиасл бошад; зеро алифбои ниёкон барои мо тоҷикон аҳаммияти бузурги миллӣ дорад. Ниг.: адабиёти рақами 64-79, 127 дар Рӯйхати адабиёт.

4. Баъзан ғалатҳои имлоӣ-техникӣ ба назар марасад, мисли: Забон чун як амри табиӣ дар ҷомеаи башар (дурусташ: башарӣ) таҳаввул ва такомул меёбад (с. 5), шиносои (дурусташ: шиносоӣ) бо осори таҳқиқии муҳаққиқони соҳа (с. 16), ...соҳибони ин забон дар таърихи ташаккули забонашон ду маротиба: ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ва истилоҳи арабро паси сар кардаанд (с. 43).

5. Аз номи муҳаққиқон сухан мекунад, аммо манбаъро нишон

намедиҳад. Масалан, мегӯяд: Толишшиносон ва пажуҳишгарони забонҳои эронӣ гӯишҳои ин забонро ба се даста: гелонии шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ тақсим кардаанд. [?] (с. 65).

6. Дар саҳифаи 124 шоҳидҳо барои гузаштаи давомдор (бар пояи матн) оварда шудааст, вале онҳо на гузаштаи давомдор, балки гузаштаи содда мебошанд. Нигаред: *Хели олови рит* ***авуштор*** – дар назди оташ зиёд **истоданд** [114, с. 31]. *Мардуми ҷам кунт, ниҳеш жута кайи кипашик* ***анид,*** *наҳах додоших*-мардумро ҷамъ кунед, ҳамин бача дар оғӯши касе **нишинад**, ҳамон падараш аст [9, с. 155]. *Шаҳри* ***авесим*** – шаҳр **фаромадем** (омадем). ***Қариб авунти?*** **– қариб шудед**? [114, с. 31]. *Ғайк аҷах додой ритиш* ***ашав*** – духтар хеста ба назди падараш **рафт** [2, с. 107].

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои болозикр арзиши илмии диссертатсияро кам наметавонанд кард, зеро мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро ёфтааст. Бо назардошти бартариҳои зикршуда, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи “Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ” пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи лозимии илмӣ таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи “Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1 аз 28-уми августи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PHD), аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Имзои дотсент Раҳмонов Б.Н., дотсент Иброимова Г.Н. ва Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
тел.: +992 (37) 2241383
E-mail: info.tgpu.tj; сомонаи расмӣ: tgpu.tj

«29» августи соли 2025